**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14, www.tgfeu.tj)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо дар мавзуи «Такмили андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст**

Маориф яке аз омилҳои рушди устувор буда, сатҳ ва сифати зиндагии аҳолиро муайян мекунад. Рушди муассисаҳои таълимӣ ба манфиати рушди устувори ҷомеа, ки ба таъмини афзоиши некуаҳволӣ ва шуғл, баланд бардоштани сатҳи таълим, беҳтар кардани саломатӣ ва шароити институтсионалӣ барои рушди иқтисодӣ нигаронида шудааст, дар навбати худ ба модели башардӯстонаи рушди иқтидори инсонӣ, бахусус азхуд кардани дониш, малака ва қобилиятҳои касбӣ, ки дар эҷоди сармояи нави инсонӣ истифода мешаванд, зоҳир мегардад.

Бо назардошти ҳадафи ҷаҳоние, ки ҷомеаи муосир бо он рӯбарӯ аст, ки таъмини таҳсилоти босифат ва мусоидат ба имкониятҳои таҳсили якумрӣ мебошад, давлатҳо бояд сиёсатеро амалӣ кунанд, ки маорифро тавассути механизмҳои гуногуни молиявӣ ҳавасманд ва дастгирӣ мекунанд. Ин пеш аз ҳама маблағгузории муассисаҳои таълимиро тавассути барномаҳо ва бурсияҳо, инчунин истифодаи имтиёзҳои гуногуни андозӣ ҳам барои муҳити таълимӣ ва ҳам барои афзоиши таваҷҷуҳи афрод ба таҳсил ва такмили малакаҳои худ дар тӯли ҳаёти худ дар бар мегирад.

Такмили низоми андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадафи ҳавасмандгардонии иқтисодиёт ва афзоиши даромади буҷет тавассути содда кардани низом, васеъ кардани пойгоҳи андоз, афзоиши шаффофият ва мубориза бо иқтисоди сояафканӣ мебошад. Ин бо кам кардани бори бахши воқеӣ ва ҷорӣ кардани ангезаҳо, мутобиқ кардани қонунгузорӣ ба шароити тағйирёбанда, дар айни замон нигоҳ доштани нақши фискалии андозҳо барои маблағгузории хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва инфрасохтор анҷом дода мешавад.

Бинобар ин, бо назардошти интихоби мавзуи ҳалталаби давру замон, гузориши мақсад ва вазифаҳо, инчунин объекту предмети автореферати диссертатсияи Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо, ки меҳвари асосии онро омӯзиш ва такмили андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар

шароити муосир ташкил медиҳад, дар шароити имрӯза мубрам ва муҳим арзёбӣ мегардад.

Мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд. Интишороти муаллиф дар маҷаллаҳои илмӣ нашр гардида, эътимоднокии таҳқиқотро тасдиқ менамоянд.

Дар баробари ин дар автореферат камбудиҳо низ ҷой доранд, ки асоситаринашон мавҷуд будани хулосаҳои баҳсталаб мебошанд, аз ҷумла:

1. Дар саҳ.15 муаллиф қайд менамояд, ки бисёр манфиатовар мебуд, агар воридот ва истеҳсоли мебел ва дигар лавозимоти соҳаи маориф ва илм аз андози арзиши иловашуда озод бошанд, ин фикр қобили қабул аст, вале раванди амалишавии он асоснок карда нашудааст.

2. Барои ташкили муассисаи олии таълимии худмаблағгузор ва оптималикунонии низоми андозбандии он ба манфиати давлат зарур аст, ки аз амсилаи оптимизатсионии мазкур истифода бурда шавад. Ба мақсад мувофиқ мебуд, агар онҳо мушаххас шарҳ дода мешуданд.

Ҳамаи мулоҳизаҳои дар боло овардашуда фикри хусусӣ буда, рафъи он аҳаммияти илмии рисоларо боз ҳам баланд мебардорад ва барои диссертант хусусияти тавсиявӣ дорад.

Дар маҷмӯъ, аз рӯйи автореферати пешниҳодшуда метавон ба хулосае омад, ки таҳқиқот пурра анҷом ёфта ҳисобида шуда, бешубҳа асоси илмию амалӣ дорад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Маҳмаризозода Бадриддин Маҳмаризо дар мавзуи «Такмили андозбандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир» мувофиқ ба талаботи меъёрҳои Коммиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Самандарзода И.Ҳ.

Суроғаи донишгоҳ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146. Тел.+992935014316. E.mail: iskandar-s@mail.ru

Имзои д.и.и., профессор Самандарзода И.Ҳ. – ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳо Қурбонзода А.Х.